Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ)

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод мешавад. Диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Масоили экологӣ аз муҳимтарин ва мубрамтарин масъалаҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта,

бо назардошти таъсири бевоситаи он ба ҳаёти тамоми мавҷудот ва хатарҳои маргбори он дар сархати аввали тамоми чорабиниҳои муҳимтарини сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва расонаҳои хабарӣ қарор гирифтаанд. Дар ҷаҳони муосир масъалаҳои экологӣ дар қатори дигар мушкилоти хоси ин давра ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа таъсири бевоситаи худро расонида истодаанд. Хусусияти хосаи ин мушкилоти замони муосир дар он ифода меёбад, ки он ба раванди рушди давлат ба таври маҷмуӣ таъсири манфии худро расонида, ягон соҳаи ҳаёти инсон дар ин самт эмин буда наметавонад. Амнияти экологӣ ҳамчун қисми амнияти миллии кишварҳои алоҳида ва дар маҷмуъ амнияти минтақавию ҷаҳонӣ буда, шарти асосии рушди устувори ҷомеа ва воситаи ҳифзи системаҳои табиӣ мебошад. Дар ин замина, давлатҳо ва халқу миллатҳои Осиёи Миёнаро на танҳо марзи ягона ва ҳамҷаворию ҳамбастагии табиӣ, инчунин фарҳанги ягона ва ҳамзистии дорои таърихи чандҳазорсола мепайвандад. Ин кишварҳо ҳамзамон дорои фазои ягонаи экологӣ ва масоили умумиэкологӣ мебошанд.

Дар ин давраи инкишофи тараққиёти саноатии давлатҳои Осиёи Миёна сиёсати экологӣ ҳарчи бештар аз худ дарак медиҳад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи он, пеш аз ҳама, дар шароити тағйирёбии иқлим раванди мураккаб ва бисёрҷонибаро касб намудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва таҳлили илмию амалӣ ва сиёсии ин мушкилот имрӯз хеле мубрам аст. Аз ин хотир, масъалаи мазкурро муаллифи рисола мавриди таҳқиқоти васеъ қарор дода, онро ба сифати омили таъсирбахше мавриди пажӯҳиш қарор додааст, ки ба раванди сиёсии давлатҳои Осиёи Миёна, инчунин ба суботи сиёсии онҳо эҳтимолияти таъсири муассир расонидан дошта, натиҷаҳо ва паёмадҳои гуногунро дар худ ниҳон менамояд. Чунин андешаҳо ва ҳолатҳо рӯзмарра будани омӯзиши масъалаи мазкурро нишон медиҳанд.

С. М. Мирзоев ҳангоми иншои рисола доираи васею гуногуни адабиёти мавҷудаи илмӣ ва санадҳои мухталифро истифода намуда,

кӯшидааст, ки хулосаҳои онҳоро дар раванди таҳқиқоти хеш барои тақвият ва инкори андешаҳо истифода намояд. Дар минтақаи Осиёи Миёна таъсири масъалаҳои экологӣ ба рушди устувори давлатҳои шомили он аз нуқтаи назари илмҳои сиёсӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Дар ин асос, кӯшишу омӯзиш ва таҳқиқи ҷараёни таҳияи татбиқи сиёсати экологӣ дар заминаи тағйироти ҷиддии экологӣ дар Осиёи Миёна зарур мебошад. Омӯзиш ва таҳлили омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва раванди таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар байни маҷмуи масъалаҳои мураккаб ва бисёрҷонибаи миёни давлатҳои Осиёи Миёна баамаломада, сиёсати экологӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад.

Навгониҳои кори диссертатсионии Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович, пеш аз ҳама. аз он иборат аст, ки дар илмҳои сиёсии ватанӣ бори аввал кӯшиши ошкор кардани моҳият ва мундариҷаи сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна ҳамчун самти муҳимми фаъолияти сиёсии минтақавӣ ба миён гузошта шудааст.

Аз ин ҷост, ки рисолаи диссертатсионии С. М. Мирзоев дар омӯзиши амиқи сабабҳои пайдоиш, хусусиятҳои хос ва марҳилаҳои таърихии ташаккули сиёсати минтақавии экологӣ, ҳамкориҳо ва ҳамгироиҳои байнидавлатӣ дар ин самт таҳлилу баррасӣ гардида, сиёсати экологии ҳар як давлати минтақа тафсири алоҳидаи худро ёфтааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки дар татбиқи сиёсати экологии кишварҳои минтақа мушкилот ва душвориҳои зиёде мавҷуданд, ки бо фарҳанги сиёсӣ ва мушкилиҳои экологии ҷаҳонӣ алоқамандии зич доранд. Дар шароити пешрафти илмию техникӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ, сиёсати экологӣ бо истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, эҷоди технологияҳои нав, ки мушкилоти душвори экологиро бомуваффақият ҳаллу фасл мекунанд, алоқамандии зич дорад. Аз ин лиҳоз, сиёсати экологӣ таҳлил ва равишҳои сиёсиро талаб мекунад,

ки он имкон медиҳад, мушкилиҳои мураккаби экологиро кишварҳои минтақа ҳал кунанд.

Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбанд, ки тағйиротҳои сифатии равандҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна тайи солҳои истиқлолияти сиёсии кишвар бавуҷудомадаро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст. Натиҷаҳои омӯзишро метавон дар таҳқиқотҳои минбаъда, ҳангоми таҳияи стратегияҳо, барномаҳо дар сатҳи давлатҳои миллӣ ва минтақаи Осиёи Миёна дар соҳаи сиёсати экологӣ истифода намуд.

Ҳамчунин, дар зимни ин метавон маводҳои диссертатсияро дар таълими илмҳои сиёсӣ ва донишҳои дигари ҷомеашиносӣ ва ба сифтаи таълими курси махсус ва дар омӯзиши фанҳои геополитика, низоъшиносӣ, минтақашиносӣ ва курсҳои махсус дар самти сиёсати экологӣ истифода намуд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилу таркиби натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф тавонистааст, ки масъалаҳои асосии таҳқиқотро ба таври кофӣ ва зарурӣ дар муқаддимаи диссертатсия асоснок намояд. Асосҳои назариявӣ, илми-амалӣ, методологӣ, навгониҳои таҳқиқот ва масъалаҳои барои дифоъ пешниҳодшударо ба таври хуб нишон дода, ҳолати истифодаи воқеии онҳоро муқаррар намояд. Дар се боби диссертатсия онҳоро ба таври амиқ мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор диҳад.

Боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи сиёсати экологӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар он масъалаҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати экологӣ аз нигоҳи консептуалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин қисмати диссертатсия, муаллиф доир ба масъалаҳои муносибати методологӣ нисбати сиёсати экологӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Муаллиф нисбати раванди таҳқиқи сиёсати экологӣ мавқеи дурусти таҳқиқотиро интихоб намуда, онро ҳамчун зерсистемаи мураккаби муносибатҳои васею амиқи ҷамъиятӣ мавриди назар намудааст. Муаллиф баён менамояд, ки хусусияти хоси моҳияти мушкилоти экологӣ дар он аст, ки он барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари ҷиддӣ дорад, чунки мушкилоти экологӣ фарогири тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа буда, он ба тадриҷ таъсири манфии худро беш аз пеш расонида истодааст. Ин омилҳо таҳозо менамоянд, ки дар баробари сиёсати давлатӣ ва миллии экологӣ сиёсати самарабахши минтақавию байналмилалии экологӣ бо назардошти ҳифзи манфиатҳои умумиҷаҳонӣ таҳия ва амалӣ карда шавад

Муаллиф дар қисмати аввали кори диссертатсионӣ инчунин ҳамбастагии сиёсати экологиро ба самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат, аз ҷумла сатҳи зиндагӣ, саломатӣ, дарозумрӣ, некуаҳволӣ ва рушди иқтисодии ҷомеа тавъам дониста, таваҷҷуҳи хосае зоҳир намудааст.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – «Самтҳои асосии сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна» ном гирифта, аз ду зербоб иборат аст, ки дар он муаллиф сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақаро бо заминаҳои қонунгузории соҳаи экология ва ҳолати воқеии онҳоро ба таври муқоисавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд мекунад, ки барои роҳандозӣ ва татбиқи босамари сиёсати минтақавии экологӣ дар Осиёи Миёна тамоми заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, дар ин баробар ниҳодҳо ва субъектҳои пешбаранда ва амалисозандаи сиёсати экологӣ дар минтақа ба таври комил фаъолият намуда истодаанд. Бо назардошти шароит ва вазъи экологии ҷаҳони муосир фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ин танҳо аввали кор аст.

Барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас ва ҳалли пурраи мушкилоти экологӣ дарёфти роҳу воситаҳо ва заминаҳои дигар низ лозим аст:

1. Таҳияи механизмҳои самарабахши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ.

2. Фароҳам овардани заминаҳои молиявию маблағгузорӣ.

3. Равона намудани сарчашмаҳои молиявӣ бевосита ба ҳалли масоили экологӣ, на ба "воситаҳо"-и ҳалли мушкилоти экологӣ.

4. Ҷалби бештари институтҳои илмӣ – таҳқиқотӣ.

5. Беҳтар сохтани заминаҳои техникӣ барои пешгӯйии паёмадҳои ногувори мушкилоти экологӣ.

6. Танзими масъалаҳои демографӣ, обёрӣ, кишоварзӣ.

7. Коркарди роҳу усулҳои огоҳӣ ва таъсиррасонӣ ҳангоми риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии қабулгардида.

Боби сеюми диссертатсия – «Дурнамои сиёсати минтақавии экологӣ дар Осиёи Миёна» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст, ки муаллиф ба масоили дастёбӣ ба амнияти минтақавии обӣ ва пешгирӣ кардани мушкилоти экологии марбут ба истифодаи об барои давлатҳои Осиёи Миёна, мушкилоти хушкшавии баҳри Арал диққати мухсус додааст.

Рушди босуръати демографӣ дар минтақа, ки аз ҳама нишондиҳандаи баландтарин дар ҷаҳон арзёбӣ мегардад, дар раванди камшавии захираҳои оби минтақа метавонад ҳолати имрӯзаи мушкилоти экологиро дар ин ҳудуд боз ҳам шиддат бахшида, паёмадҳои наву ногувори экологиро барҷо гузорад.

Шумораи аҳолии минтақа дар соли 1956 бештар аз 20 миллион нафар буд, имрӯз қариб ба 65 миллион нафар расидааст. Агар дар солҳои 1960-ум минтақа дар як сол тақрибан 60 километри мукааб обро истеъмол мекард, пас имрӯз ин нишондиҳанда дар як сол беш аз 110 километри мукаабро ташкил медиҳад. Мувофиқи арзёбиҳои муътамад то соли 2030 - ум афзоиши истеъмоли об дар Осиёи Миёна дар ҳаҷми 15 - 20 фоиз зиёд мегардад.

Муаллифи рисола Мирзоев Саидмузаффар масъалаҳо, тамоюлҳо ва дурнамои сиёсати экологиро барои беҳтар гардидани вазъи экологӣ дар минтақа мавриди таҳлил ва хулосагириҳои амиқ қарор додааст.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф натиҷаҳои бадастовардаро баён намуда, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст.

Саҳми муаллиф дар омӯзиши масъалаи мазкур дар он аст, ки ӯ дархостҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки муаллиф сатҳи касбияти заруриро пайдо намудааст ва қобилият ба таҳқиқоти илмиро пайдо кардааст.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 3 конференсияи ҷумҳуриявӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни

соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира иртибот дорад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Дар баробари муваффақиятҳои худ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо холӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зерин нишон дод:

1. Дар муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳои Осиёи Миёна масъалаи ҳамгироии экологӣ борҳо мавриди амал ва натиҷагириҳо қарор гирифтаанд. Аммо дар кори диссертатсионӣ муаллиф онҳо ба таври зарурӣ хулосагирӣ накардааст. Тарҳҳои зарурии ҳалли мушкилотро, ки роҳбарони минтақавӣ пешниҳод намудаанд, мавриди таҳлили амиқ ва васеъ қарор надодааст.

2. Агар муаллиф моҷароҳои экологии байни давлатҳои минтақаро мавриди омӯзиш қарор медод, кори илмӣ-таҳқиқотӣ боз ҳам аҳамияти бештарро ба худ касб мекард.

3. Диссертант бояд дар мавриди низоми ҳалли мушкилоти экологӣ ва муҳити зист тавсияҳои воқеию мушаххас пешниҳод менамуд, ки фарогири манфиатҳои ҳамаи кишварҳои минтақа бошанд.

4. Муаллифро зарур буд, ки дар мавриди ҳамоҳангсозии самтҳои сиёсати хориҷии давлатҳои минтақа, ҳамгунасозии қонунгузории соҳаи экологияи он ва масъалаҳои ҳамтои онҳо тавсияҳо ва хулосаҳои мушаххас пешниҳод менамуд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасогиҳои дар боло зикршуда, характери тавсиявӣ дошта, арзиши илмии онро кам карда наметавонанд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии С.М. Мирзоев бо рӯзмаррагӣ ва навгониҳои худ афзалият пайдо намуда, ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ) мебошад.

Тақризи мазкур ба талаботи банди 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита
бо ҷомеаи Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон С.З. Қувватзода

Имзои С.З. Қувватзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Б. Ҳамидов

Суроғаи муқарриз:
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33
тел.: (992) 907800071